

**28.02.2018**

Имрӯз тахти раёсати Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, Раиси Хукумати кишвар мухтарам Эмомалӣ Рахмон мачлиси навбатии Хукумати Чумхурии Точикистон баргузор шуд.

Дар кори мачлис нахуст аз руи масъала “Оид ба Хисобот дар бораи заминхои мавчуда, таксимоти онхо аз руи гуруххо, намудхои замин ва заминистифодабарандагони чумхурӣ ба холати 1 январи соли 2018” гузориши Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ шунида шуд.

Таъкид гардид, ки марзи маъмурии Чумхурии Точикистон ба холати 1 январи соли 2018 нисбат ба холати 1 январи соли 2017 бетағйир мондааст. Дар истифодаи корхонаю ташкилотхои кишоварзӣ 6 миллиону 960 хазору 741 гектар, аз он 681 хазору 413 гектар замини обӣ карор дорад. Дар соли 2017 майдони 1 хазору 720 гектар заминхои партови обӣ ба гардиши кишоварзӣ ворид гардида, ба заминхои корами обӣ дохил карда шудааст.

Аъзои Хукумати кишвар 8 лоихаи Конуни Чумхурии Точикистон ва 1 хулосаи Хукумати Чумхурии Точикистон, аз чумла Дар бораи пешниходи хулосаи Хукумати Чумхурии Точикистон ба лоихаи Конуни Чумхурии Точикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловахо ба Конуни Чумхурии Точикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”” - ро мухокима карда, барои баррасӣ ба Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон пешниход намуданд.

Дар кори мачлиси навбатии Хукумати Чумхурии Точикистон “Дар бораи пешниходи Мачлиси вакилони халки вилояти Сугд оид ба номивазкунии баъзе махалхои ахолинишини шахрхои Истравшан, Конибодом ва нохияи Бобочон Гафуров” карори дахлдор кабул карда шуд.

Инчунин зимни баррасии масъалахои рӯзномаи мачлиси Хукумат лоихахои як катор карорхои Хукумати Чумхурии Точикистон “Дар бораи Барномаи рушди ичтимоию иктисодии шахри Душанбе барои давраи солхои 2018-2020”, “Дар бораи Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва тахкими хувияти миллии чавонони Точикистон барои солхои 2018-2022”, Дар бораи Барномаи рушди сайёхӣ дар Чумхурии Точикистон барои солхои 2018-2020” ва “Дар бораи Тартиби гузаронидани имтихонхои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисахои таълимии тахсилоти миёна ва олии касбии Чумхурии Точикистон” баррасӣ шуд.

Лоихаи карори Хукумати Чумхурии Точикистон “Дар бораи Барномаи рушди ичтимоию иктисодии шахри Душанбе барои давраи солхои 2018-2020” хамчун хуччати асосӣ самтхои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди ичтимоию иктисодии шахри Душанбе барои давраи то соли 2025 - ро муайян намуда, чихати ноил шудан ба рушди устувори иктисодӣ, дастрасии ахолӣ ба хизматрасонии заминавии ичтимоӣ, инфрасохтори мутобик, кохиш додани сатхи камбизоатӣ ва инчунин зиёд шудани табакаи миёнаи ахолии шахр заминаи мусоид хохад гузошт.

Мавриди зикр аст, ки лоихаи ин карор бо максади ичрои банди 1 накшаи чорабинихо оид ба ичрои дастуру супоришхои Президенти Чумхурии Точикистон, ки дар вохӯрӣ бо масъулону фаъолони шахри Душанбе 15 феврали соли 2017 баён доштанд, тахия гардидааст.

Максади тахияи лоихаи карор “Дар бораи Барномаи рушди сайёхӣ дар Чумхурии Точикистон барои солхои 2018-2020” такмил додани заминахои меъёрию хукукӣ ва

тахлилу банакшагирии фаъолона чихати таъмини рушди сохаи сайёхии Чумхурии Точикистон, ба талаботи низоми воридшавӣ ва мутобик сохтани сохаи мазкур ба бозори чахонии хизматрасонихои сайёхӣ мебошад.

Хадаф аз тахияи лоихаи карори Хукумати Чумхурии Точикистон “Дар бораи Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва тахкими хувияти миллии чавонони Точикистон барои солхои 2018-2022” ин тарбияи маънавию чисмонии чавонон, инкишофи хисси ватандӯстӣ ва мухаббати онхо нисбат ба Ватан, хифзи амният, тахкими истиклолият ва ободии Ватан, эмин нигох доштани насли чавон аз тахдидхои замони муосир мебошад.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, Раиси Хукумати Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба аъзои Хукумат ва рохбарони хамаи сохторхои давлатӣ оид ба татбики лоихахои карорхои Хукумат ва Конунхои чумхурӣ, инчунин ичрои дигар масъалахои мачлиси навбатии Хукумати Чумхурии Точикистон, дастурхои мушаххас доданд.

Супоришхои дигар ба Хукумати мамлакат, Раиси шахри Душанбе ва рохбарони макомоти ичроияи хокимияти давлатии шахру нохияхо оид ба корхои ободонию созандагӣ дар саросари кишвар, ба хусус дар пойтахти мамлакат, омодагии хамачониба ва арзанда ба чашну идхои умумимиллӣ, аз чумла Наврӯзи байналмилалӣ, чорабинихои сатхи минтакавию чахонӣ, ки соли 2018 дар пойтахти кишвар шахри Душанбе баргузор мегарданд, вусъати корхои сахрой, дар сатхи зарурӣ доир кардани кишту кори бахорӣ, ташкили намоиш фуруши махсулоти кишоварзӣ, ба рох мондани хашархои умумӣ бахри таъмини тозагии мухити зист, дода шуд.

**president.tj**